# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” оид ба диссертатсияи номзадии Лутфияи Ҷурахон дар мавзуи «Ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълими курси физикаи мактабӣ», барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.01 - назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

Комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 048 назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” оид ба диссертатсияи Лутфияи Ҷурахон дар мавзуи «Ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълими курси физикаи мактабӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02.01- назария ва методикаи фанҳои табиӣ дар ҳайати зерин комиссия тибқи қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 01.04. 2023 интихоб карда шуданд:

1. **Шерматов Д.С.** - узви шӯро - доктори илмҳои физикаю математика, профессор аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02. Назария ва методикаи фанҳои табиӣ - раиси комиссия;
2. **Гулова М.Т.** - номзади илмҳои физикаю математика, дотсент аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01. Назария ва методикаи фанҳои дақиқ - аъзои комиссия;
3. **Бубиев М.Ч.** - номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02. Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика)- аъзои комиссия.

Дар марҳилаи кунунии рушди низоми маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба тадқиқоти мубрам ва доғи руз маҳсуб будани он далолат медиҳад. Дар натиҷаи омузиш ва таҳлили асосҳои илми-назариявии муаммои таҷдидшаванда муаллиф имконият пайдо намудааст, ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва имкониятҳои дидактикии

ташаккули кори мустақилонаи хонандагонро дар машғулиятҳои фанни физика муайян намуда, хулосаҳои асоснок ва муҳимро коркард намояд. Бинобар ин, коркарди методии кори мустақилонаи хонандагон аз фанни физика яке аз масъалаҳои калидии имрӯзаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Имрӯз дар назди илми педагогикаи муосир масъалаи инкишоф додани қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии хонандагон гузошта шудааст, то ин ки онҳо дар раванди азхудкунии дониш мустақилона амал карда тавонанд. Дар ин радиф роҳҳои ташкили кори мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълими фанни физикаи мактабӣ яке аз омилҳои баланд бардоштани сифати донишҳои физикии хонандагон ба шумор меравад. Кайд кардан ҷоиз аст, ки яке аз ҷузъҳои мусбии корро он нуқта собит менамояд, ки муаллиф ба муайян намудани мундариҷаи корҳои озмоиши-таҷрибавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти технологияи педагогӣ, моҳияти корҳой озмоишӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиқкорона мавриди омузиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст.

Дар асоси чунин муносибат ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар корҳои озмоишӣ таҷрибавӣ теъдоди муайяни хонандагонро фаро гирифта дар муассисаҳои таҷрибавӣ технологияи муаллифии педагогиро доир ба муайян кардани имкониятҳои дидактикии ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар машғулиятҳои фанни физика самаранок дар амалия тадбиқ намояд ва ба хулосаҳои амалӣ- илмӣ ноил гардад.

Ҷолиби қайд аст, ки асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таққиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳой озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуқтаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, бо истифодаи усулҳои тадқиқоти илмии ба вазифадои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Унвонҷӯй дар раванди таҳқиқот ба чунин навгониҳои илмӣ ноил гардидааст:

- асосҳои назариявӣ ва методикаи истифодаи кори мустақилона дар раванди таълими фанни физика, ки сифати донишро баланд бардошта, ҳавасмандии хонандагонро пайдо менамояд, асоснок, таҳқиқ ва омӯхта шудааст;

- моҳияти амалӣ кардани таълими корҳои мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таъҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудааст;

- ташкили дурусти корҳои мустақилона ҳамчун усули босамари баланд бардоштани самаранокии дарс ва фаъолнокии хонандагон коркард карда шудааст;

- роҳҳои самарабахши истифодабарии китоб дарсӣ ҳангоми иҷроиши корҳои мустақилонаи хонандагон аз фанни физика ҳамчун методи муҳим дар дарс асоснок ва коркард шудааст;

- истифодаи кор бо китоби дарсӣ ҳамчун омили асосии азхудкунии қонунҳо, таърифҳо, бузургиҳои физикӣ, тасвири графикӣ ва ҳалли масъалаҳо таҳқиқот шудааст.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба унвонҷу имконият додааст, ки у тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.02.01- назария ва методикаи фанҳои табиӣ дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд. Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби таҳқиқотӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика нақши муайян дорад. Дар асоси гуфтаҳои боло комиссияи

ташхиси назди Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA - 048 чунин хулоса менамояд:

1. Диссертатсияи Лутфияи Ҷурахон дар мавзуи **«Ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълими курси физикаи мактабӣ»** мутобиқ ба талаботи банди 15 -и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдик; гардидааст, иҷро шудааст. Дисссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳои Муасссисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ » муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар хулосаи Муасссисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» а диссертатсия баҳои хамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

2. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 51-56-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-тахқиқотии тахассусӣ ва мустақилона анҷомёфта буда, пажуҳиши хамаҷонибаи муайян намудани имкониятҳои дидактикии ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар машғулиятҳои фанни физика фаро мегирад.

3. Дар диссертатсия пешниҳоду хулосаҳои илмии асоснок ва боэътимод коркард шудаанд, ки дар самаранокии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дар муайян намудани имкониятҳои дидактикии ташаккули кори мустақилонаи хонандагон дар машғулиятҳои фанни физика такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории сохаи маорифи кишвар доир ба мавзуи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

4. Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.02. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.01 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ), ки аз руи он ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.04.2022 № 126, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, тахқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосхое, ки аз руи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 11 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 7 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Лутфияи Ҷурахон истифодаи мавод бе нишон додани маъҳаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъҳаз тавассути иктибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

7. Диссертатсия ба талаботи банди 31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорой умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд. Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

Ба комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" хоҳиш карда мешавад, ки барои қабул ва ташкили ҳимояи диссертатсияи номзадии **Лутфияи Ҷурахон** тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ дар заминаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-48, бо илова намудани миқдори зарурии мутахассисон аз рӯи ихтисоси зерин – **Сатторов Абдурасул Эшбекович** – д.и.п., аз рӯи ихтисоси 13.00.08.03. – назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ, раиси шӯро; **Нугмонов Мансур** – д.и.п., профессор аз рӯи ихтисоси 13.00.08.03. – назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ, муовини раиси шӯро; **Ойматова Ҳоҷармо Холмуродовна** н.и.п., дотсент аз рӯи ихтисоси 13.00.02.02. – назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ), (13.00.02.01. – назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ) (таҳсилоти миёнаи умумӣ), котиби илмии шӯро; **Комили Абдулҳай Шарифзода** – д.и.ф-м. профессор аз рӯи ихтисоси 13.00.02.02. – назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ), (13.00.02.01. – назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ) (таҳсилоти миёнаи умумӣ), узви шӯро; **Шерматов Дустназар Саидович** – д.и.ф-м. профессор аз рӯи ихтисоси 13.00.08.03. – назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ, узви

шӯро; **Холназар Санг** – д.и.п. профессор аз рӯи ихтисоси 13.00.02.02. – назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ), (13.00.02.01. – назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ) (таҳсилоти миёнаи умумӣ), узви шӯро; **Шодиён Муҳамад Султонзода** – д.и.п. профессор профессор аз рӯи ихтисоси 13.00.02.02. – назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ), (13.00.02.01. – назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ) (таҳсилоти миёнаи умумӣ), узви шӯро; **Гулова Маърифат Табаровна** н.и.ф-м., дотсент аз рӯи ихтисоси 13.00.02.02. – назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ), (13.00.02.01. – назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ) (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

**Гулаев Ибадулла Хоҷаназарович** н.и.п., дотсент, аз рӯи ихтисоси 13.00.02.02. – назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ), (13.00.02.01. – назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ) (таҳсилоти миёнаи умумӣ), узви шӯро барои гузаронидани якдаъфаина иҷозат медодед.

Пешниҳод мегардад, ки дар мавриди гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдаъфаина, муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров таъин карда шавад.

Пешниҳод мегардад, ки пас аз гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдаъфаина, муқарризони расмии диссертатсия мудири кафедраи педагогикаи МДТ "Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" **Мирализода А.М.** – д.и.п. профессор ва **Гулаев И.Х.** дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" таъйин карда шаванд.

Пешниҳод мегардад, ки пас аз гирифтани иҷозат оид ба ташкили ҳимояи якдаъфаина, ба нашру паҳнкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи

Носири Хусрав” гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор Д.С. Шерматов
Узви комиссия:
номзади илмҳои физикаю математика,
дотсент М.Т. Гулова
Узви комиссия:
номзади илмҳои педагогӣ М.Ч. Бубиев

Тасдиқ мекунам
Сардорӣ ШК
МДТ “ДДБ ба номи Н. Хусрав Ҷ.А. Шукурзод